**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

---

аз «2» марти соли 2022 № 81/04 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи «Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират» аз руйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтакавӣ бинобар риоя нагардидани талаботи банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба Шеров Шодиҷон Салуматшоевич рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2.

Раис Розиқзода А.